ВАРАҚАИ ИТТИЛООТИИ № 62
КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

## МАВЗУЪҲОИ АСОСӢ:

- **Натиҷаҳои ҷаласаи XVII Шӯрои машваратӣ**
- **Саҳми минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) дар рушди иқтисодиёт**
- **Густариши амалисозии лоиҳаҳо тавассути механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ**
- **Баррасии имкониятҳои таъсиси ҷойҳои корӣ дар Тоҷикистон**
- ***Лоиҳаи Қонун дар бораи фаъолияти ҳунармандӣ***
- **Ҷаласаи дуюми Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ баргузор гардид**

# НАТИҶАҲОИ ҶАЛАСАИ XVII ШӮРОИ МАШВАРАТӢ

Тавре қаблан иттилоъ дода шуда буд, 30 январи соли 2017 таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи XVII Шӯрои машваратӣ баргузор гардид.

Дар ҷаласа як қатор масъалаҳои самти соҳибкорию сармоягузорӣ, аз ҷумла рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва истифодаи самараноки он дар

рушди иқтисодиёти мамлакат, истифодаи самарабахши нерӯи барқ, пайвастшавӣ ба шабакаҳои таъминоти барқ, арзиши тарофавии нерӯи барқ, таъмини рушди соҳаи сайёҳӣ тавассути ташаккули мунтазами заминаҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти устувори соҳа, ташкили Феҳристи электронии санҷишҳои фаъолияти соҳибкорӣ, муҳайё намудани шароити беҳтар барои рушди ҳунармандӣ ва дастгирии ҳунармандон, мубодилаи афкор сурат гирифт.

Пешниҳод гардид, ки дар ҷаласаҳои ояндаи Шӯро масъалаҳои нақши бонкдорӣ ва молия дар рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва муосиргардонии хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорону сармоягузорон ва дар маҷмӯъ ба аҳолии мамлакат баррасӣ карда шавад.

Дар асоси мониторинги иҷрои қарорҳои ҷаласаи XVI Шӯро гузаронидашуда, ки натиҷаҳои он ба ҷаласаи XVII Шӯро пешниҳод гардид, муайян карда шуд, ки дар маҷмуъ, аз 13 банди Протоколи ҷаласаи XVI Шӯро иҷрои 8 банди он таъмин гардида, татбиқи 5 банди дигар мавриди иҷро қарор доранд.

Протоколи ҷаласаи XVII Шӯро аз 9 феврали соли 2017 тасдиқ гардида, бо дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1с/22-1 аз 17 феврали соли 2017 ба вазорату идораҳо ҷиҳати иҷро ирсол карда шудааст.

Супоришҳои протоколии ҷаласаи мазкурро дар сомонаи мо дар бахши Ҷаласаҳо пайдо карда метавонед.

## САҲМИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ (МОИ) ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ

Санаи 11 феврали соли 2017 дар ҳудуди МОИ «Панҷ» ҷаласаи панҷуми Шӯрои нозирон оид ба МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Раиси Шӯро - Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Давлаталӣ Саид баргузор гардид. Дар оғози ҷаласа қайд карда шуд, ки рушди МОИ дар мадди назар ва таваҷҷуҳи доимии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати кишвар қарор дошта, барои рушди онҳо бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда мешаванд.

Сипас, котиби Шӯро - муовини Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Умед Давлатзод баромад намуда, вобаста ба иҷрои бандҳои ҷаласаи қаблии Шӯрои нозирон маълумот дод, ки тибқи он бандҳои протоколии ҷаласаи қаблии Шӯро дар маҷмӯъ иҷро гардиданд.

Дар ҷаласа, роҳбарони маъмуриятҳои минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷ», «Данғара», «Суғд» ва иҷрокунандаи вазифаи роҳбари маъмурияти МОИ «Ишкошим» баромад намуда, оид ба вазъи кунунии МОИ ва нақшаҳои оянда маълумоти муфассал пешниҳод намуданд.

Ҳамчунин, дар ҷаласа Роҳбари Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ»-и Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Исфандиёр

Усмонзода баромад намуда, дар бораи татбиқи лоиҳаи «Сохтмони хати интиқоли барқ ба МОИ Данғара» гузориш манзур намуд.

Дар баррасии масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа ва музокираҳо Вазири рушди иқтисод ва савдо, муовини якуми Вазири саноат ва технологияҳои нав, муовини якуми Сардори Хадамоти гумрук, муовини Раиси вилояти Суғд, Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва дигарон фикру андешаҳои худро нисбати ҷоннок намудани фаъолияти МОИ баён карданд.

Дар суханронии хотимавии худ муҳтарам Давлаталӣ Саид аз ҷумла қайд карданд, ки ҳадафҳои Ҳукумати кишвар аз таъсиси МОИ, ин ҷалби сармоя ворид намудани технологияи муосир, баланд бардоштани нерӯи содиротии кишвар ва самаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ мебошад. Вобаста ба ин ба вазорату идораҳои дахлдор ва роҳбарони маъмуриятҳои МОИ супоришҳои дахлдор дода шуд.

## ГУСТАРИШИ АМАЛИСОЗИИ ЛОИҲАҲО ТАВАССУТИ МЕХАНИЗМИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ

Санаи 13 феврали соли 2017 дар Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи шашуми Шӯро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ таҳти раёсати муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ Давлаталӣ Саид баргузор гардид.

Дар кори ҷаласа аъзои Шӯро, роҳбарони вазорату идораҳо, Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ», маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодии

«Данғара» ва «Суғд», шарикони рушд, коршиносони соҳа ва намояндагони бахши хусусӣ иштирок намуданд.

Дар ҷаласа Насим Олимзода, Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба лоиҳаи «Таъсиси Маркази мубориза бар зидди гепатитҳои вирусӣ», ташаббус ва пешниҳоди лоиҳаи «Сохтмони Маркази хизматрасонии тиббӣ ва маишӣ дар шаҳри Истаравшан», Усмоналӣ Усмонзода, Вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба лоиҳаи «Сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ дар ҳавзаи дарёи Зарафшон ва дигар дарёҳо», Неъматулло Ҳикматуллозода, Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба лоиҳаҳои «Сохтмони инфрасохтори аввалия», «Сохтмони хати роҳи оҳан» ва «Барқарорсозии системаи оби нӯшокӣ» дар МОИ «Суғд» гузориш доданд.

Дар ҷаласаи Шӯро лоиҳаҳои «Таъсиси Маркази мубориза бар зидди гепатитҳои вирусӣ», «Сохтмони Маркази хизматрасонии тиббӣ ва маишӣ дар шаҳри Истаравшан», «Сохтмони неругоҳи барқи обии хурди Ҳафткӯл» мавриди баррасии аъзои Шӯро қарор гирифта, ба тариқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалишавии онҳо қарорҳои дахлдор бароварда шуд.

Дар айни замон ба воситаи ин механизм тибқи қарорҳои Шӯро ду лоиҳа дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ- лоиҳаи «Таҷдид ва идоранамоии кӯдакистони №133 шаҳри Душанбе» ва дар самти энергетика лоиҳаи «Сохтмони хати интиқоли барқ ба МОИ «Данғара» амалӣ шуда истодаанд.

Механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ яке аз роҳҳои муосири ҷалби сармояи хусусӣ дар иҷрои уҳдадориҳои давлатӣ буда, ба ин васила метавон хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва таъсиси инфрасохторро ба роҳ монд.

# БАРРАСИИ ИМКОНИЯТҲОИ ТАЪСИСИ ҶОЙҲОИ КОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Санаи 14 феврали соли 2017 дар бинои Вазорати рушди иқтисод ва савдо Ҳисоботи ташхис ва стратегияи таъсиси ҷойҳои корӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ муаррифӣ карда шуд. Ҷаласаро муовини вазири рушди иқтисод ва савдо Умед Давлатзод ифтитоҳ намуда, меҳмононро хайрамақдам ва ба кори ҷаласа барору комёбӣ орзӯ намуд.

Дар ҷаласа бо сухани ифтитоҳӣ Роҳбари Намояндагии Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон ва Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо сухани ифтитоҳӣ баромад намуданд.

Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ аз ҷумла қайд намуд, ки соли 2016 бо ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ 10 адад корхонаҳои бузурги истеҳсолӣ, аз ҷумла корхонаи сементбарории “Хуаксин Ғаюр Суғд Семент” ноҳияи Б.Ғафуров, “Комбинати металлургии Тоҷикистон” ноҳияи Ҳисор, корхонаи ғанигардонии маъдан ва металлургии ҶДММ "Пакрут" шаҳри Ваҳдат, корхонаи ресандагии “Ҷунтай Данғара Синсилу Текстил”, корхонаи маъдантозакунии Ширкати куҳию саноатии Тоҷикистону Хитой дар шаҳраки Истиқлол, корхонаҳои сементбарории “Ҷунтай Моҳир Семент”, истеҳсоли гаҷкартон, истеҳсоли криолит дар ноҳияи Ёвон ба маблағи 8,4 млрд. Сомонӣ ба истифода дода шуданд ва сохтмони як қатор корхонаҳои азим ва хурду миёнаи саноатӣ идома доранд.

Бешубҳа фаъолияти ин корхонаҳо барои таъсиси ҷойҳои корӣ ва таъмини аҳолӣ бо шуғл ва аз ҳама муҳим барои аз кишвари аграрӣ ба кишвари индустралию саноатӣ табдил додани

ҷумҳурӣ, ки яке аз ҳадафи афзалиятноки ҳукумати мамлакат маҳсуб меёбад, ҳамаҷониба мусоидат хоҳад кард.

Дар натиҷаи ислоҳот ва тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат, соли сипаригашта саҳми бахши хусусӣ дар ММД - 70%, таъмини аҳолии фаъоли иқтисодӣ бо шуғл - 67 ва пардохтҳои андозҳои буҷети давлатӣ 80 % - ро ташкил дод.

Вобаста ба муҳтавои Ташхиси гузаронидашуда ва такмил додани он байни иштирокчиён мубодилаи афкори судманд сурат гирифт.

Дар хотима муовини вазири рушди иқтисод ва савдо изҳори итминон намуд, ки иқдомоти муштараки Ҳукумати кишвар бо шарикони рушд барои таъсиси ҷойҳои корӣ дар оянда таккони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

## ЛОИҲАИ ҚОНУН ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУНАРМАНДӢ

**15 феврали соли 2017 шаҳри Душанбе**

Тавре қаблан иттилоъ дода шуда буд, 30 январи соли ҷорӣ таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи XVII Шӯрои машваратӣ баргузор гардид.

Яке аз масъалаҳое, ки Сарвари давлат дар ҷаласа қайд намуданд, дастгирии пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти эҳёи ҳунарҳои мардумӣ буда, бо мақсади муҳайё намудани шароити беҳтар барои рушди ҳунармандӣ ва дастгирии ҳунармандон, паст кардани арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда, устувор намудани рақобатпазирӣ ва мавқеи он

дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ, мустаҳкам намудани заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти ҳунармандӣ дастур дода шуд, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти ҳунармандӣ» таҳия ва ба ҷаласаҳоиояндаи Шӯро пешниҳод карда шавад.

Қобили зикр аст, ки ин иқдоми навбатии Пешвои миллат ба устувор ва муҳайё намудани заминаҳои ҳуқуқии самти мазкур, афзун намудани таваҷҷуҳи соҳибкорону сармоягузорон ба рушди соҳа, бахусус таъмини марҳилаҳои нави рушди инноватсионии соҳа ҳамаҷониба мусоидат хоҳад кард.

## ҶАЛАСАИ ДУЮМИ ШӮРОИ ҲАМОҲАНГСОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ САНҶИШӢ БАРГУЗОР ГАРДИД

Рӯзи 25 феврали соли 2017 дар Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи дуюми Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ таҳти раёсати Давлаталӣ Саид, муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар ҷаласаи мазкур ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ-Давлаталӣ Саид, муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (Раиси Шӯро), Файзиддин Қаҳҳорзода, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (муовини Раиси Шӯро) ва аъзоёни Шӯро Рустам Шоҳмурод, Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Насим Олимзода, Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳикматулло Неъматуллозода, Вазирии рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигарон иштирок намуданд.

Дар ҷаласа гузориши Файзиддин Қаҳҳорзода, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои супоришҳои Протоколи №1-и Шӯро аз 16 декабри соли 2016 шунида шуд ва нақшаҳои солона, номгӯи масъалаҳои назоратии мақомоти санҷишие, ки барои мувофиқа ба Шӯро пешниҳод гардиданд ва лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷкистон «Оид ба ислоҳоти минбаъдаи соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

«Мувофиқи моддаи 10- уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 мақоми санҷишӣ ва 56 мавзӯи санҷишӣ мушаххасан муайян карда шудааст, ки мақомотҳо дар доираи ваколатҳои худ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷиши субъектҳои фаъолияти хоҷагидорро аз рӯи хавфнокӣ ва тибқи нақшаи муайян ва бо дарназардошти мавзӯҳои санҷиш бояд амалӣ намоянд»,- зикр кард Файзиддин Қаҳҳорзода, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ёдовар мешавем, ки ҷаласаи нахустини Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ 26 ноябри соли 2016 баргузор гардида буд, ки дар он як қатор масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуда буданд.

***Бо эҳтиром,***

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии***

***назди Президенти Ҷумҳурии То ҷикистон оид***

***ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***